# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.**

Таҳқиқоти илмии Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» яке аз масъалаҳои умдаи ҳуқуқи инсон ба ҳисоб рафта, дар он вобаста ба зарурият ва муҳиммияти ҳуқуқи инсон дар масири ҳастии инсоният андешаҳои судманд баён гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки таърихи ташаккули андешаи ҳуқуқи инсон миёни халқи тоҷик решаҳои хеле қадимӣ дошта, даврaҳои пеш аз ислом ва баъди онро дар бар мегирад. Ҳарчанд мафҳуми имрӯзаи ҳуқуқи инсон дар он замон ба чунин шаклу мазмун мавриди истифода қарор намегирифт, аммо арзишҳо ва ғояҳое, ки ба ҳифозати шаъну шараф, мақому манзалат, адолат ва озодии инсон нигаронида шуда буданд, дар осори пурғановати ҳуқуқии ниёгони тоҷик ба таври равшан зикр гардидаанд.

Дар даврони қадим, махсусан дар замони тамаддуни ориёӣ, андешаҳои марбут ба ҳуқуқ ва озодии инсон бештаран дар доираи таълимоти ахлоқӣ ва динӣ ташаккул меёфтанд. Яке аз сарчашмаҳои муҳим дар ин самт китоби муқаддаси Авесто мебошад, ки дар он мафҳумҳои адолат, поквиҷдонӣ, некиву бадӣ ва масъулияти инсон дар назди ҷомеа ва Худо ҷойгоҳи марказӣ доранд. Дар Авесто инсон ҳамчун махлуқи дорои иродаи озод тасвир гардидааст, ки метавонад роҳи некиро интихоб намояд, ки ин як шакли ибтидоии эътирофи озодии инсон аст. Ҳамчунин, таълимоти зардуштӣ низ ба баробарии маънавии инсонҳо таъкид менамояд, ки ин ба ғояҳои баъдинаи ҳуқуқи инсон замина гузоштааст.

Дар давраи асрҳои миёна, бо паҳншавии дини ислом ва таъсиси давлатҳои мусулмонӣ дар минтақа, андешаҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ шакли нав гирифтанд. Ислом ҳамчун низоми ҳуқуқӣ, бисёр ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятиро ба танзим медаровард. Дар таълимоти исломӣ ҳуқуқи инсон танҳо из диди дини ислом ва меърҳои исломӣ баҳогузорӣ мегардид. Яъне ҳуқуқҳои асосии инсон ба монанди ҳуқуқ ба ҳаёт, моликият, озодӣ ва ғайра дар доираи шариат ба инсон дода шуда, зулму истибдод ва куштору ғоратгарӣ куллан манъ гардида буд ва адолат бошад ҳамчун арзиши олӣ эътироф мегардид.

Муаллиф низ бисёр хуб андешаронӣ намудааст, ки ғояҳои марбут ба ҳуқуқи инсон дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ аз қабили: дунёи қадим, асрҳои миёна, давраи эҳё, замони нав ва давраи навтарин пайдо шудаву ташаккул ёфтаанд. Ҳуқуқи инсон ва ғояи аслии он дар фазои иҷтимоӣ, ки аз неъматҳои бузурги маънавии тамаддун аст, дар ҳар як давраи таърихӣ таҳти таъсири силсилаи муносибатҳо ва арзишҳои хосаи дигари иҷтимоӣ қарор гирифта, дар

қатори дигар аз унсурҳои таркибии ҷомеа башарро барои рушд ба давраҳои нави таърихӣ омода намудааст.

Аз ин хотир, метавон иброз намуд, ки таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи халқи тоҷик равандӣ тулонӣ ва бисёрҷанба дорад. Аз таълимоти Авесто то андешаҳои мутафаккирони асрҳои миёна, ки муаллиф зимни таҳқиқоти диссертатсионӣ аз онҳо ба хубӣ иқтибос овардааст, ғояҳои адолат, озодӣ ва эҳтироми инсон тадриҷан рушд ёфтаанд.

Имрӯз, ин мероси пурғановат метавонад ҳамчун манбаи муҳим барои таҳкими арзишҳои ҳуқуқи инсон дар ҷомеа хидмат намояд.

Дарвоқеъ, интихоби мавзуъ ва пайдарҳамии мантиқии тадқиқоти диссератсионӣ ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам амалӣ мутобиқ ба ҳадафҳои тадқиқот буда, натиҷаҳои он метавонанд минбаъд дар такмили қонунгузории кишвар, фаҳмиши амиқу мукаммали ҳуқуқи инсон ва дарки воқеии он мусоидат намояд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, вазифаҳои гузошташуда ва ҳама он масъалагузорие, ки мавзуи тадқиқотро дар бар мегиранд, воқеан саривақтӣ ва аз манфиат холӣ набуда, баҳри таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидаанд ва дар амалияи татбиқи ҳуқуқ мусоидат хоҳанд кард. Гузашта аз ин, ҷамъи онҳо метавонанд аз ҷониби муҳаққиқон ва коршиносон ба сифати роҳнамо ва тавсияҳо истифода бурда шаванд.

Мусаллам аст, ки ҳангоми таҳқиқи мавзуъ муаллиф аз осори арзишманди олимони ватанӣ ва хориҷие, ки оид ба паҳлуҳои гуногуни таҳаввули ҳуқуқи инсон ва муҳиммияти он дар ҳар давру замон таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд, истифода намудааст, ки ҳамаи онҳо аз мубрам будани мавзуи таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳанд.

Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Дар баробари ин, дар автореферат баъза масъалаҳои баҳснок вуҷуд доранд. Аз ҷумла муаллиф дар автореферат чунин овардааст:

«Аз моҳияти меъёрҳои авастоӣ бармеояд, ки дар ин марҳила як қатор ҳуқуқҳои кӯдакон мавриди танзим қарор гирифта буданд. Масалан, дар қисмати Вандидоди Авасто чунин ҳуқуқҳои кӯдакон танзим шудаанд: ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба ҳаёти осоишта, ҳуқуқ ба муносибати хуб, ҳуқуқ ба бастани шартномаҳо, ҳуқуқ ба ҳаёти кӯдаки таваллуднашуда, ҳуқуқ ба тандурустӣ, ҳуқуқ ба никоҳ ва ғ.» (саҳифаи 21).

Аз навиштаи муаллиф бармеояд, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ кӯдакон ҳуқуқи бастани шартномаҳоро доштанд, вале муаллиф мушаххас нагуфтааст, ки кадом намуди шартномаҳоро кӯдакон метавонистанд, ки банданд. Аз муаллифи рисола хоҳиш карда мешавад, ки зимни ҳимоя ба ин масъала равшанӣ андозад.

Вале, эроди мазкур ба мазмуну муҳтавои диссертатсияи муаллиф костагӣ ворид накарда, таъсири манфӣ низ намерасонад.

Ҳамин тариқ, зимни таҳлилу баррасии автореферати мазкур чунини хулосабандӣ намудан мумкин аст, ки Холиқзода Омина Абдулваҳоб бо навиштани рисолаи илмии худ дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон

дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» қобилияти баланди илмӣ ва эҷодкорӣ нишон додааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда: Мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳслоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Элназаров Д.Х.**

**Имзои Д.Х. Элназаров –ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳои Муассисаи байнидавлатии таҳслоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон** **Исмаилова М.Н.**

02.04.2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, шаҳри Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30
Телефон: +992 227 53 37; +992 227 86 48
Суроғаи электронӣ: p.rektora@mail.ru; sabkar@list.ru